# ТАҲЛИЛИ
## таъсири танзимкунии лоиҳаи
## Тартиби гузаронидани санҷиши ташкилотҳои назоратшаванда

| | |
|---|---|
| Намуд ва номи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Тартиби гузаронидани санҷиши ташкилотҳои назоратшаванда |
| Маълумот дар бораи таҳиякунандаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Бонки миллии Тоҷикистон |
| Доираи шахсоне, ки амали санади меъёрии ҳуқуқӣ нисбати онҳо татбиқ мегардад | Операторони низоми пардохтӣ ва операторони хизматрасонии инфрасохтори пардохтӣ, ки ташкилоти қарзии молиявӣ намебошанд (минбаъд-ташкилотҳои назоратшаванда) |
| Муҳлати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ | 31.03.2023с. |
| Маълумот дар бораи ҷойгир намудани огоҳинома оид ба таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Огоҳинома дар бораи таҳияи лоиҳаи Тартиби гузаронидани санҷиши ташкилотҳои назоратшаванда (минбаъд - Тартиб) дар Феҳристи нақшаи таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии Портали интернетии иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон 08 июни соли 2022 ҷойгир карда шуда, нисбати лоиҳаи Тартиби мазкур аз 08 июн то 08 июли соли 2022 машварати оммавӣ гузаронида шуд. |
| Маҷмуи таклифҳои аз рӯи натиҷаи ҷойгиркунонии огоҳинома оид ба омода намудани санади меъёрии ҳуқуқии воридгардида ва хулосаи таҳиякунанда оид ба онҳо | Оид ба гузаронидани машварати оммавӣ хулосаи Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 июли соли 2022, №92/2с пешниҳод гардид. Аз рӯи натиҷаи ҷойгиркунонии огоҳинома оид ба омода намудани лоиҳаи Тартиби мазкур аз тарафи шахсони воқеӣ, ҳуқуқӣ ва мақомоти давлатӣ таклифу пешниҳод ворид нагардид. |
| Тавсифи мушкилот, ки барои ҳал намудани он қабули | Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун мақоми ваколатдор дар танзим ва назорати низоми пардохтии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо мақсади |

| | |
|---|---|
| санади меъёрии ҳуқуқӣ зарур аст ва оқибатҳои эҳтимолии он дар ҳолате, ки агар ягон амал андешида нашавад | мусоидат ба фаъолияти босамару мунтазами низоми пардохтӣ ва андешидани тадбирҳои зарурӣ дар ин самт лоиҳаи Тартиби мазкурро таҳия намудааст. Мавриди зикр аст, ки фаъолияти операторони низоми пардохтӣ ва операторони хизматрасонии инфрасохтори пардохтӣ, ки ташкилоти қарзии молиявӣ намебошанд (минбаъд - ташкилотҳои назоратшаванда) хусусияти ба худ хос доранд ва танзиму назорати онҳо аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон дар доираи қонунгузории соҳавӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон амалӣ мегардад. Дар ҳолати аз ҷониби мақоми ваколатдор нагузаронидани санҷиши ташкилотҳои назоратшаванда, хавфи эҳтимолияти риоя нагардидани қонунгузории бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқукии Бонки миллии Тоҷикистон зиёд гардида, ба фаъолияти босамару мунтазами низоми пардохтӣ таъсири манфӣ расонида мешавад.<br>Дар асоси моддаи 29 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохтӣ” (аз 24 феврали соли 2017, №1397) Бонки миллии Тоҷикистон ҳуқуқ дорад дар ташкилотҳои назоратшаванда санҷиш гузаронад. Мушкилии дар самти гузаронидани санҷиши ташкилотҳои назоратшаванда ҷойдошта ин мавҷуд набудани санади меъёрии ҳуқуқии дахлдор вобаста ба гузаронидани санҷиши ташкилотҳои назоратшаванда, ҷамъбаст ва пешниҳоди натиҷаҳои он, набудани тартиби мушаххаси баамалбарории чунин санҷишҳо мебошад, зеро муқаррароти хусусияти умумидоштаи моддаи 29 қонуни зикргардида ба таври пурра тартиби гузаронидани чунин санҷишҳоро инъикос наменамояд. Аз ин лиҳоз, зарурат пеш омадааст, ки Тартиби мазкур қабул карда шавад, то ин ки талаботҳо ва равандҳои гузаронидани санҷиши ташкилотҳои назоратшаванда, ҷамъбаст ва пешниҳоди натиҷаҳои он мушаххас карда шаванд. |

| | |
|---|---|
| | Дар ҳолати қабул нагардидани Тартиби мазкур ва андешида нашудани ягон амал, таъмини фаъолияти босамару мунтазами низоми пардохтии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла таъмини заминаи меъёрии ҳуқуқӣ дар самти санҷиш ва баҳогузории фаъолияти ташкилотҳои назоратшаванда, риояи талаботҳои қонунгузории соҳа ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон, инчунин стандартҳои байналмилалӣ, идоракунии хавфҳои марбут ба фаъолияти низомҳои пардохтӣ, ки метавонанд ба фаъолияти ташкилоти назоратшаванда ва иштирокчиёни он, дар маҷмӯъ ба низоми пардохтии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири манфӣ расонанд, ҳамчунин ошкор намудани амалу кӯшишҳое, ки ба манфиатҳои иштирокдорони низоми пардохтӣ ва истеъмолкунандагони хизматрасониҳои пардохтӣ таҳдид мекунанд, ғайриимкон мегардад. |
| Ифодаи мақсадҳои дахолати давлат | Мақсади қабули Тартиби мазкур ва ба ин васила дахолати давлат дар самти фаъолияти ташкилотҳои назоратшаванда - ин таъмин намудани риояи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон дар соҳаи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохтӣ бо мақсади мусоидат ба фаъолияти босамару мунтазами низоми пардохтии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. |
| Тавсифи мухтасари лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда, аз ҷумла чораҳои пешбининамудаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда, уҳдадорӣ ва маҳдудиятҳо барои субъектҳои соҳибкорӣ, | Заминаи ҳуқуқии гузаронидани санҷиши ташкилотҳои назоратшаванда дар моддаи 29 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохтӣ” ба таври умумӣ муқаррар гардида, санади меъёрии ҳуқуқии махсуси танзимкунанда дар ин самт вуҷуд надорад. Қабул намудани Тартиби мазкур имкон медиҳад, ки тартиби санҷиши фаъолияти ташкилотҳои назоратшаванда ба таври мушаххас муқаррар карда шавад.<br>Тибқи муқаррароти Тартиби мазкур санҷиши ташкилотҳои назоратшаванда аз нуктаи назари назорати ба хавф нигаронидашуда дар доираи |

| | |
|---|---|
| асосноккунии интихоби роҳи ҳалли чунин мушкилот | тавсияҳои Принсипҳои инфрасохтори бозори молиявӣ, ки дар ҳамбастагӣ аз ҷониби Бонки ҳисоббаробаркуниҳои байналмилалӣ ва Ташкилоти байналмилалии комиссияи коғазҳои қиматнок таҳия шудаанд ва бо назардошти таҳлили масъалаҳои зерин гузаронида мешавад:<br>– сохтори ташкилию ҳуқуқӣ;<br>– қоидаҳои низоми пардохтӣ;<br>– вазъи молиявӣ;<br>– мақоми роҳбарикунандаи низоми пардохтӣ;<br>– таҳлили хавфҳо ва ба хавф дучор шудан;<br>– баҳогузории низоми идоракунии хавфҳо ва ташкили назорати дохилӣ;<br>– сиёсати бехатарӣ ва ҳифзи иттилоот;<br>– дурустии баҳисобгирӣ ва ҳисобдорӣ;<br>– натиҷаҳои санҷишҳои қаблӣ.<br><br>Мақсадҳои гузаронидани санҷиш инҳоянд:<br>– баҳогузории вазъи умумии ҳолати молиявии ташкилоти назоратшаванда;<br>– муайян намудани хавфҳои марбут ба фаъолияти низомҳои пардохтӣ, ки метавонанд ба фаъолияти ташкилоти назоратшаванда ва иштирокчиёни он, дар маҷмӯъ ба низоми пардохтии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири манфӣ расонанд;<br>– баҳогузории самаранокии низоми идоракунии хавфҳои ташкилоти назоратшаванда ва ташкили назорати дохилӣ дар он;<br>– баҳогузории дурустӣ ва саҳеҳии ҳисоботҳое, ки ташкилоти назоратшаванда ба Бонки миллии Тоҷикистон пешниҳод менамояд;<br>– омода намудани тавсияҳо ҷиҳати тағйир додани фаъолияти ташкилоти назоратшаванда, бартарафсозии камбудиҳои ошкоршуда дар фаъолияти ташкилоти назоратшаванда;<br>– арзёбии иҷрои тавсияҳо ва амалҳое, ки барои бартарафсозии камбудиҳои дар натиҷаи гузаронидани санҷиши қаблӣ ошкоршуда равона гардидаанд.<br><br>**Ухдадориҳо** |

| | |
|---|---|
| | Дар доираи Тартиби мазкур як қатор уҳдадориҳо ба ташкилотҳои назоратшаванда, аз ҷумла роҳбар (шахси ӯро ивазкунанда) ва кормандони масъули онҳо пешбинӣ гардидаанд, аз ҷумла:<br>– мусоидат ба гузаронидани санҷиш;<br>– таъмини дастрасии бемамониат ба бино ва дигар иншооти ташкилоти назоратшаванда дар рӯзҳои гузаронидани санҷиш;<br>– пешниҳоди ҳуҷҷатҳо (маълумот)-ро дар мӯҳлати дар дархости роҳбари гурӯҳи санҷишӣ дарҷгардида;<br>– таъмини гурӯҳи санҷишӣ бо ҷойҳои корӣ дар утоқи алоҳида ва таҷҳизоти зарурӣ;<br>– муайян намудани шахсони мансабдор ва кормандони сохторҳои дахлдори ташкилоти назоратшавандаро, ки бояд бо роҳбар ва аъзои гурӯҳи санҷишӣ ҳамкорӣ намоянд;<br>– таъмин намудани дастрасӣ ба ҳуҷҷатҳо (маълумот) ва низомҳои иттилоотии ташкилоти назоратшаванда (дар реҷаи мутолиа), инчунин гирифтани нусхаи ҳуҷҷатҳо ва дигар маълумоти ташкилоти назоратшавандаро дар шакли қоғазӣ ва (ё) электронӣ тибқи тартиби муқарраргардида;<br>– пешниҳод намудани тавзеҳоти шифоҳӣ ва хаттии роҳбар ва кормандони ташкилоти назоратшаванда;<br>– фароҳам овардани шароити мусоид барои гузаронидани санҷиш.<br>Ҳангоми дар мӯҳлатҳои муқарарнамудаи дархост дар бораи пешниҳоди ҳуҷҷатҳо (маълумот) пешниҳод накардани ҳуҷҷатҳо (маълумот) ва (ё) ба миён омадани ҳолатҳое, ки дар мӯҳлатҳои муқаррарнамудаи дархост дар бораи пешниҳоди ҳуҷҷатҳо (маълумот) барои пешниҳоди онҳо монеъ мешаванд, роҳбар (шахси ӯро ивазкунанда) ё кормандони масъули ташкилоти назоратшаванда бояд то ба охир расидани мӯҳлати пешниҳоди ҳуҷҷатҳо (маълумот) ба роҳбари гурӯҳи санҷишӣ шарҳи хаттии сабабҳои иҷро накардани дархост дар бораи пешниҳоди ҳуҷҷатҳо (маълумотҳо) ва дар ҳолати зарурӣ |

| | |
|---|---|
| | гузориши асоснокшуда дар бораи тамдиди мухлати пешниҳоди ҳуҷҷатҳои (маълумот)-ро пешниҳод намояд.<br>**<u>Маҳдудиятҳо</u>**<br>Дар доираи Тартиби мазкур нисбат ба ташкилотҳои назоратшаванда як қатор маҳдудиятҳо пешбинӣ карда шудаанд. Роҳбар (шахси ӯро ивазкунанда) ва кормандони масъули ташкилоти назоратшаванда ҳуқуқ надоранд:<br>– воситаҳои техникии аз тарафи гурӯҳи санҷишӣ истифодашавандаро тафтиш намоянд, ҳуҷҷатҳои расмӣ ва дигар ҳуҷҷатҳоро, ки дар рафти санҷиш ҷамъоварӣ карда шудаанд, аз назар гузаронанд;<br>– гурӯҳи санҷиширо ҳангоми гузаронидани санҷиш аз имконияти истифодаи ҳуҷҷатҳои дархостшаванда маҳрум созанд;<br>– аз гурӯҳи санҷишӣ додани ҳама гуна тавзеҳоти шифоҳӣ ва (ё) хаттиро талаб кунанд;<br>– ба утоқҳои кории ташкилоти назоратшаванда, ки ба роҳбар ва (ё) аъзои гурӯҳи санҷишӣ пешниҳод шудааст, ҳангоми набудани онҳо ворид шаванд.<br>Уҳдадориҳо ва маҳдудиятҳое, ки дар Тартиби мазкур пешбинӣ карда шудаанд, барои муқаррар намудани тартиби ягонаи гузаронидани санҷиш, шаффофият ва баҳогузории вазъи умумии ҳолати молиявии ташкилоти назоратшаванда, муайян намудани хавфҳои марбут ба фаъолияти низомҳои пардохтӣ, ки метавонанд ба фаъолияти ташкилоти назоратшаванда ва иштирокчиёни он, дар маҷмӯъ ба низоми пардохтии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири манфӣ расонанд, инчунин баҳогузории самаранокии низоми идоракунии хавфҳои ташкилоти назоратшаванда ва ташкили назорати дохилӣ, таъмини фаъолияти мунтазами низомҳои пардохтӣ, мутобиқатии қоидаҳои низомҳои пардохтӣ ба талаботи қонунгузорӣ равона карда шудаанд.<br>Бояд қайд намуд, ки муқаррароти Тартиби мазкур уҳдадориҳо, монеаҳо ва маҳдудиятҳои барзиёдро |

| | |
|---|---|
| | дар фаъолияти ташкилотҳои назоратшаванда эҷод наменамояд ва хароҷоти иловагиро талаб намекунад. |
| Тавсифи роҳҳои ҳалли мушкилоти баррасишуда (бидуни таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ) | То ин ҷониб назорати фаъолияти ташкилотҳои назоратшаванда танҳо бо роҳи таҳлили ҳисоботе, ки аз ҷониби онҳо тибқи тартиби муқарраргардида ба Бонки миллии Тоҷикистон пешниҳод мегардид, ба роҳ монда шудааст. Бояд қайд намуд, ки таҳлили ҳисоботи пешниҳодшаванда мақсаду вазифаҳои мақоми ваколатдорро дар самти назорати низоми пардохтӣ ба пуррагӣ қонеъ намегардонад.<br>Бо назардошти он, ки қонуни соҳавӣ қабули Тартиби мазкурро пешбинӣ намудааст ва таҷриба зарурияти инро низ собит намудааст, бидуни таҳияи санади меъёрии ҳуқуқии мушаххас ҳалли мушкилоти бамиёномада ғайриимкон мебошад. |
| Арзёбии муфассали хароҷоти буҷети давлатӣ, эҳтимолияти оқибатҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар ҳолати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ ва ё роҳи дигари интихобшудаи ҳалли мушкилот | Қабули Тартиби мазкур аз буҷети давлатӣ хароҷоти иловагӣ талаб намекунад. Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун мақоми ваколатдори танзим ва назорати низоми пардохтии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ваколатҳои худро дар доираи заминаи ҳуқуқии қабулгардида ва захираҳои кадрии худ амалӣ менамояд.<br>Қабули Тартиби мазкур самаранокӣ ва эътимоднокии фаъолияти ташкилотҳои назоратшавандаро дар кишвар афзун намуда, барои рушди низоми пардохтии Ҷумҳурии Тоҷикистон, такмили инфрасохтори пардохтӣ ва хизматрасониҳои муосир ва босифати пардохтӣ ва ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдии ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва мизоҷони онҳо заминаи устувор мегузорад.<br>Инчунин, дар сурати қабул гардидани қарори мазкур, баҳогузории риояи қонунгузории бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқукии Бонки миллии Тоҷикистон, босуботӣ, бехатарӣ ва муассирии низоми пардохтӣ, шаффофияти фаъолияти он, кафолати ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои пардохтӣ, фазои солими рақобатпазирӣ таъмин |

| | |
|---|---|
| | мегардад.<br>Оқибатҳои иҷтимоии лоиҳаи мазкур:<br>- таъмини шаффофияти фаъолияти низоми пардохтӣ;<br>- баланд бардоштани сатҳи эътимоднокии аҳолӣ ба низоми пардохтӣ ва хизматрасониҳои пардохтӣ;<br>- мусоидат ба фарогирии молиявии аҳолӣ;<br>- баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасониҳои пардохтӣ ба аҳолӣ;<br>- таъмини ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои пардохтӣ;<br>- баланд бардоштани сатҳи донишу малака ва салоҳиятнокии кормандони ташкилотҳои назоратшаванда, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси онҳо.<br>Оқибатҳои иқтисодии лоиҳаи мазкур:<br>- таъмини субот, бехатарӣ ва муассирии низоми пардохтии кишвар;<br>- таъмини рақобати солим ва одилонаи низомҳои пардохтӣ ва иштирокдорони онҳо;<br>- заминаи устувор барои рушди минбаъдаи низомҳои пардохтӣ ва хизматрасониҳои пардохтӣ;<br>- таъмини бехатарии ҳисоббаробаркуниҳо дар низоми молиявии кишвар;<br>- баланд бардоштани самаранокии фаъолияти ташкилотҳои назоратшаванда;<br>- таъмини талаботҳои ҳамmonанд, аниқ ва равшан ба фаъолияти низомҳои пардохтӣ ва иштирокдорони онҳо, қоидаҳои низоми пардохтӣ, низоми идоракунии хавфҳо ва чорабиниҳои бурунсупорӣ ҳангоми бастани муносибатҳои шартномавӣ бо операторони хизматрасониҳои инфрасохтории пардохтӣ;<br>- таъмини ҳуқуқ ва уҳдадориҳои баробари ташкилотҳои назоратшаванда ва иштирокдорони онҳо;<br>- кафолати фаъолияти бемамониати низомҳои пардохтӣ дар доираи қонунгузорӣ дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохтӣ. |

| | |
|---|---|
| | Бояд қайд намуд, ки қабули Тартиби мазкур аз ташкилотҳои назоратшаванда низ хароҷоти иловагиро талаб намекунад. |
| Нишондиҳандаҳои арзёбии инкишоф ва даврияти ҷамъоварии он | Бонки миллии Тоҷикистон дар доираи ваколатҳои худ ҳамчун мақоми назоратӣ мунтазам (ҳар моҳ, ҳар семоҳа, солона) мониторинги низоми пардохтиро бо роҳи ҷамъоварӣ кардани ҳисоботи ташкилотҳои назоратшаванда, инчунин дигар маълумот оид ба фаъолияти низомҳои пардохтӣ амалӣ менамояд. Ҳисоботи мазкур барои баҳогузории хавфҳои марбут ба фаъолияти низоми пардохтӣ, арзёбии фаъолияти низоми пардохтӣ, гузаронидани санҷишҳо, инчунин омода намудани таклифҳо оид ба тағйир додани фаъолияти ташкилотҳои назоратшаванда ва иштирокдорони низоми пардохтӣ истифода бурда мешавад.<br>Бонки миллии Тоҷикистон дар натиҷаи таҳлили иттилоот ва ҳисоботи дар натиҷаи амалисозии назорати низоми пардохтӣ дастрасшуда, ҳар сол оид ба вазъи низоми пардохтии Ҷумҳурии Тоҷикистон, нишондиҳандаҳои рушди воситаҳои электронии пардохтӣ ва инфрасохтори пардохтӣ, шумора ва ҳаҷми ҳисоббаробаркуниҳои амалигашта, инчунин дигар нишондиҳандаҳои бозори хизматрасониҳои пардохтӣ дар сомонаи расмии худ ҳисобот нашр менамояд. |
| Санаи эҳтимолии мавриди амал қарор додани лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ дар сурати қабули он | 01.05.2023с. |

Муовини раис Назирӣ Г. Н.